# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод гардидааст**

Мавзуи интихобкардаи рисолаи номзадии Саидова Шаҳноза Икромидиновна бешубҳа муҳим аст. Аминометилиронӣ дар навбати аввал барои синтези N-ҷонишинҳои β-аминокетонҳо истифода мешавад. Бинобар ин синтези N-ҷонишинҳо β-аминокетонҳо диқатҷалбкунанда аст, дар асоси чунин кетонҳо метавон моддаҳои анестезерӣ (бедардкунӣ) ҳосил кард.

Масалан фаликан, ки хлоргидрат N-пропокси-β-пиперидинопропиофен мебошад, бинобар ин дар ин кор ба мо лозим меояд, ки аминометилиронии 5-атсетил-5-пропионил, 5-атсетил-2-метил, 2,3-дигидробензо [β]тиофенҳо ва 1-тиохроман ва як қатор сулфонҳо дар иштироки формалдегиди аминҳои дуюма (диэтиламин, ситизин) дар спирти этил ба роҳ монем. Бо як мақсади муайян намудани сохти пайвастаҳои ҳосилшуда онҳоро аз спектрҳои ИС ва спектри массавӣ гузаронида мешавад. Ба ғайр аз ин хосияти фармакологии гидрохлоридҳои β-аминокетонҳои 1-тиаиндан ва сулфонҳои онҳо омӯхта мешавад, аз он ҷумла таъсири анестезирӣ (бедардкунӣ) таҳқиқ карда мешавад, таъсир ба фишори артериалӣ ва нафаскашӣ таъсири спазмолитӣ ва ғ .

Дар натиҷаи вобастагии фаъоли биологии пайвастаҳои синтезшаванда сохти онҳо низ муайян карда мешавад. Ин ба ҳосилкунии моддаҳои фаъоли биологии заҳрнокиашон паст ва самаранок оварда мерасонад.

Маълумотҳое ки то имрӯз интишор шудаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар дистилятҳои таркиби нефтҳои гуногун сулфидҳо паҳн шудаанд. Омӯзиши микдори умумии сулфидҳо дар таркиби фраксияҳои миёнаи НБ (нефтҳои баландсулфур) нишон дод, ки онҳо дар ҳолати асосӣ аз 68-83% -тиосикланҳо, 3,2-10%-тиофенҳо ва 1-тиаинданҳо, 1,4-12%-1-тиаинденҳо иборат аст. Аз ин сулфидҳои ҳалкагӣ химияи 1-тиаинденҳо ва 1-тиаинданҳо ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бинобар сабаби мураккабӣ ва бисёрзинагӣ будани синтези 1-тиаинданҳо қаблан дастрасашон хеле мураккаб буд. Аммо бо шарофати корҳои Галпер ва Караулова ва ҳамкоронаш, инчунин Нуъмонов Э.У. ва Насиров И.М. ин душвориҳо бартараф карда шуданд ва усулҳои нави инноватсионии синтези алкил ва арил иваз карда шуда 1-тиаинданҳои сохташон гуногун кор карда баромада шуданд.

Дар зер маълумоти муҳимтарин ва шавқоварро оид ба синтези ҳосилаҳои алкил-, арили тиосикланҳо, 1-тиаинденҳо ва 1-тиаинданҳо ва усулҳои ҷудо кардани онҳо аз фраксияҳои миёнаи НБ (нефтҳои

баландсулфур) дида мешавад. Дар баррасии адабиёт, корҳо дар бораи ПОС (пайвастаҳои органикии сулфурдор) ҳамчун ингибиторҳо дар зангзании пӯлод низ баррасӣ карда шудааст. Баррасии масъалаи мазкур дар комплекс ба мо имконияти интихоби дурусти усули синтези пайвастаҳои гетероатомии модилишаванда ва ҳосилаҳои онҳо ва ҷудокунии онҳо аз манбаъҳои табииро медиҳад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферат баъзе камбудиҳо ва имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар автореферат натиҷаҳои фаъолияти бедардкунӣ рӯипустии β-аминокетонҳои қатори 1-тиохроманӣ ва 2,3-дигидробензо[β]тиофен бо дикаин ва гигант пурра оварда нашудааст.

2. Дар автореферат механизмии реаксия возеҳ нишон дода нашудааст.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Саидова Ш.И. дар мавзуи «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ», ки бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биология,
профессори кафедраи химияи
фармасевтӣ ва захршиносии ДДТТ ба номи
Абӯалӣ ибни Сино Бобизода Ғ.М.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи. Неъмат Қарабоев,
бинои 102, хуҷраи 199
Тел.: (+992) 918 17 03 60,
E-mail: bobievgm@mail.ru

Имзои Ғ.М. Бобизода -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ "ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино" , н.и.т. Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31
Тел.: (+992) 446 600 3977, 235 34 96,
E-mail: info@tajmedun.tj
"26" 05 соли 2025